# ПРОТОКОЛИ №28

**ҷаласаи шурои муштараки диссертатсионии 6D.KOA-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ**

10-уми апрели соли 2026 ш.Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро 13 нафар

**Раиси шуро:** доктори илмҳои геологию минералогӣ Валиев Ш.Ф.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 июли соли 2022, №111/шд (тағйирот ба ҳайати шурои диссертатсионӣ тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.12.2024, №428/шд, аз 02.02.2026, №37/шд) тасдиқ шудааст, 13 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## <u>РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:</u>

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи номзадии унвонҷӯи кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло дар мавзуи «Динамика ва хусусиятҳои пиряххои ҳаракаткунандаи Помир ва нақши онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванҷ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология.

**Баромад намуданд:** Раиси шурои диссертатсионӣ Валиев Ш.Ф. иброз дошт, ки диссертатсияи Сайфуллозода Қ.Ғ. барои баррасӣ ва муҳокима ба шуро пешниҳод шудааст ва моро зарур аст, ки диссертасияро баррасӣ намуда ба экспертизаи аввалия равон намоем.

Котиби илмии шуро Ғайратов М.Т. ва аъзоёни шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои геологию минералогӣ Файзиев Ф.А., доктори илмҳои физикаю математика Каримов Ф.Ҳ., номзади илмҳои геологию минералогӣ Саидраҳмонзода С.С. баромад намуданд. Қайд карда шуд, ки диссертатсияи номзадии унвонҷӯи кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисии

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло дар мавзуи «Динамика ва хусусиятҳои пиряхҳои ҳаракаткунандаи Помир ва нақши онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванҷ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология ба экспертизаи аввалия пешниҳод карда шавад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи номзадии унвонҷӯи кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло дар мавзуи «Динамика ва хусусиятҳои пиряхҳои ҳаракаткунандаи Помир ва нақши онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванҷ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

- доктори илмҳои техникӣ Комилов О.К.
- номзади илмҳои геологию минералогӣ Саидраҳмонзода С.С.
- номзади илмҳои геологию минералогӣ Лоиқзода М.Л.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои геологию минералогӣ — Валиев Ш.Ф.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ — Ғайратов М.Т.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ